**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ва ин кор аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Аҳамияти мавзӯи диссертатсия дар он, ки дар шароити муосири пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти суғурта, ки барои ҳифзи соҳибкор аз оқибатҳои имконпазири амволии номатлуби фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст, нақши муҳим дорад.

Имрӯз мавҷудияти хавфҳои гуногун дар фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷумла дар соҳибкории истеҳсолӣ, роҳҳои пешгирӣ кардани хавфҳо ва муқовимат бо онҳо, инчунин, кам кардани сатҳи таъсири манфии онҳо ба истеҳсолот ба миён омадааст.

Масалан дар Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2015, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 469 аз 3 декабри соли 2004 тасдиқ гардида буд, ба инкишофи нокофии институти суғурта, ки ҳамчун омили боздорандаи рушди бахши соҳибкории иқтисодиёт бароmад мекунад, диққати махсус дода шуда буд. Аммо чунин вазъият ба ҷамъияти аз лиҳози иқтисодӣ мутараққӣ хос нест. Бинобар ин роҳи интихобкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти муносибатҳои мутамаддини бозор эҷоди як низоми пешрафтаи суғуртаи фаъолияти соҳибкориро талаб менамояд.

Аз рӯи автореферат муқаррар карда мешавад, ки яке аз ҷиҳатҳои қавии таҳқиқот ин аст, ки муаллиф таҳлили шумораи зиёди маводҳо оид ба рушди соҳаи суғурта, соҳибкории суғуртавӣ, таҳқиқи муфассали заминаи қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқии фаъолияти суғурта ба ҳисоб меравад, истифода бурдааст.

Бо дарназардошти тағйирёбии вазъи ичтимоию иқтисодии Тоҷикистон муҳимияти масъалаҳои ташаккули соҳибкории суғуртавӣ меафзояд. Дар

автореферат мушкилоти марбут ба нокифоя будани талабот ба хизматрасониҳои суғуртаи аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф талаботро ба суғуртаи баъзе хавфҳои нодирро, ки бозори суғуртаи дохилӣ дар шароити муосир қонеъ карда наметавонад, қайд мекунад.

Муаллиф дар асоси ба низом даровардани манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти суғуртавӣ, таҳлили маълумоти оморие, ки фаъолияти суғуртакунандагонро тавсиф мекунанд, зарурияtро исбот намуда, самтҳои такмили механизмҳои ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Навоварии илмӣ дар таҳияи муқарраროти назариявӣ, ки барои исботи афзалиятҳои механизми рушди соҳибкории суғуртавӣ истифода мешаванд, иборат аст.

Дар мамлакат фазои соҳибкорӣ дар умум, бахусус дар самти соҳибкории суғурта хеле заиф мебошад, ки пеш аз ҳама бо мушкилиҳои низоми андоз, сатҳи баланди монополизатсияи бозор, сатҳи пасти ҳифзи ҳуқуқҳои моликият барои соҳибкорон ва рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ алоқаманд мебошад (саҳ.4). Аммо бояд қайд кард, ки ин савол ба равшанӣ ниёз дорад.

Таҳлили муаллиф дар бораи афзалиятҳо ва нуқсонҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёри, равишҳои мушаххас кардани манфиати суғурта нисбат ба намуди суғуртаи баррасишаванда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи кафолати суғурта ҷолиб аст.

Хулосаҳое, ки муаллиф дар ин соҳаҳо таҳия кардаанд, навоварии илмӣ мебошанд. Пешниҳодҳо оид ба шартҳои суғурта барои категорияҳои гуногуни суғурташавандагон, ки аз ҷониби муаллиф аз рӯи самтҳои зуҳури манфиатҳои суғуртаи онҳо гурӯҳбандӣ шудаанд, ба васеъ шудани номгӯи хавфҳои суғурташаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд, ва ҳамин тариқ онҳо бешубҳа аҳамияти амалӣ ва имкониятҳои татбиқи доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун маводи методӣ ҳангоми ташкили фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ва фаъолияти менеҷменти ташкилотҳои суғуртавӣ, ташкил ё таҷдиди сохтории фаъолияти ташкилӣ ва молиявии ширкат,таҳияи низом ва чораҳо оид ба таъмини суботи молиявӣ, тақвиятбахшии фаъолияти сармоягузории субъектҳои бахши суғуртавии иқтисоди кишвар метавон истифода бурд. Дар автореферати такризшаванда дар баробари мавҷудияти бартариятҳо, баъзе камбудиҳо ва нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасад, ки қайд намудани онҳоро зарур мешуморем:

1. Натиҷаи озмоиш муайян кард, ки дар афторефреат ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудааст. Аммо пешниҳодҳо вобаста ба ҷанбаҳои назариявию методологии рушди соҳибкории суғуртавӣ аз тарафи муаллиф кам ба назар мерасад.

2. Дар саҳифаи 20 автореферат, аз тарафи муаллиф ҷадвал оид ба омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба фаъоляти соҳибкорӣ таъсири мусбӣ ва манфӣ мерасонад, тартиб дода ба қатори омилҳои беруна, ба ҷои миқдор ва сохтори аҳолӣ, мафҳуми демографияро истифода бурдааст, ки дар воқеъ демография ин худ, илми махсус ба ҳисоб меравад.

3. Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ, техникӣ мушоҳида мешаванд.

Пешниҳодҳо ва эродҳои дар ин ҷо баррасишуда, на он қадар ҷиддӣ буда, ба мазмун ва муҳтавои кори илмии мазкур таъсири манфии худро намерасонанд.

Автореферати тақризшаванда дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия»), аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33 - и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллиф Шамсуллозода Шукрулло дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

**Д.и.и., профессори кафедраи**
**идоракунии давлатӣ ва маҳаллии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷурабоев Ғ.**

***Имзои профессор Ҷурабоев Ғафурҷонро – ро тасдиқ мекунам.***

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Ҷӯраев Ш.Н.**

**Суроғаи донишгоҳ:**
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
тел.: + 992 (37) 2348801; 2348804
моб.: 934369060
E – mail: gafurjon@ mail. ru